# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-090 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳусайнзода Шуҳрат Абдукарим дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Дар шароити рушди муносибатҳои байналмилалӣ, тавсеаи равандҳои ҷаҳонишавӣ, таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва густариши иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ масъалаи муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии миллӣ аҳамияти махсус пайдо намудааст. Рушди ҷомеаи муосир тақозо менамояд, ки механизми ҳамоҳангсозии ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ дар асоси принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд, волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон пайваста такмил дода шавад.

Асоси конститутсионии масъалаи мазкур дар қисми сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки тибқи он санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд. Ин муқаррароти конститутсионӣ зарурати омӯзиши амиқи моҳияти ҳуқуқии санадҳои байналмилалӣ, муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар низоми ҳуқуқи миллӣ ва таҳқиқи механизми татбиқи онҳоро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ ба миён мегузорад.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст, зарурати такмили қонунгузории миллӣ, ҳамоҳангсозии он бо ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими механизми амалисозии санадҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат муайян гардидааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур ба татбиқи амалии ҳадафҳои ин Консепсия низ мусоидат менамояд.

Дар Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ пайваста таъкид мегардад, ки таҳкими давлати ҳуқуқбунёд, такмили қонунгузорӣ, риояи волоияти қонун ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбанд. Ин дастурҳои стратегӣ зарурати таҳқиқоти илмиро дар самти муносибати ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ боз ҳам тақвият медиҳанд.

Дар ин замина баъзе паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи мазкур мавриди таҳқиқ ва баррасии муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Аз ҷумла ҷанбаҳои муайяни он дар асарҳои роҷеъ ба назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ дар тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисман дар таҳлилу баррасиҳо аз натиҷаи таҷрибаи фаъолияти судҳо инъикос гардидаанд.

Новобаста аз он, ки доир ба мавзуи мазкур таҳқиқотҳои илмӣ мавҷуд бошад ҳам, пас аз омӯзиш ва таҳқиқи амиқ дар самти таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол як қатор масъалаҳои муҳим роҳи ҳалли худро мехоҳад. Аз ҷумла масъалаҳои марбут ба мафҳум, табиати ҳуқуқӣ, тасниф, хусусиятҳои амалишавӣ ва ҷойгоҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти рушди қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи муосири ҳуқуқтатбиққунӣ, то ҳол ба таври комплексӣ аз мавқеи назарияи давлат ва ҳуқуқ таҳқиқи мустақилро тақозо менамоянд.

Комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса меояд, ки мавзӯи интихобнамудаи муҳаққиқ ба самтҳои афзалиятноки рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ буда, ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии муҳимро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқот мубрам, саривақтӣ ва дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии назаррас мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсияи пешниҳодгардида таҳқиқоти мустақили назариявӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби унвонҷӯ бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ таҳия гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, барои такмили низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут ба татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ метавонанд истифода шаванд. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, таҳияи барномаҳо, консепсияҳо вобаста ба рушди қонунгузорӣ ва такмили низоми ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомотҳои босалоҳияти давлатӣ, инчунин дар раванди таълим ба ҳайси пойгоҳи назариявӣ зимни таълиму тадриси назарияи ҳуқуқ ва давлат, таърихи давлат ва ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионии ҶТ ва барои таҳияи васоити таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯйро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10) мутобиқ аст, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ, мувофиқи Фармоиши Комиссии олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №16/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй инъикос ёфтаанд. Шумораи маводҳои нашрнамуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусайнзода Ш.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхазҳо мавҷуд набуда, ҳамаи адабиёти истифодагардида бо ишора ба муаллиф ё сарчашма тавассути иқтибос ба расмият давроварда шудаанд, ки аз риоя шудани муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ нашргардида, мавҷуд нестанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳусайнзода Шуҳрат Абдукаримро дар мавзуи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Ҳусайнзода Шуҳрат Абдукарим дар мавзуи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи эксперти муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Нематов Акмал Рауфҷонович – муовини саркотиби илмии АМИТ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

- Абдулло Абдулло Раҳматулло — сардори факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ — Мирализода И.Қ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
узви Шурои диссертатсионӣ — Раҳматуллоев А.Э.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мувоини якуми директори Маркази миллии коннунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҷамшедзода К.Ҷ.

Имзои Мирализода И.Қ.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ: Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

Имзои Раҳматуллоев А.Э.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ: Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент — Бобоев А.Х.

Имзои Ҷамшедзода К.Ҷ.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ: Сардори бахши кадрҳо ва коргузории Маркази милли қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Холализода А.

**«22» 07 2026**